**ХУЛОСАИ**

комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба кори диссертатсионии унвонҷӯ Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 дар ҳайати докторони илмҳои педагогӣ, профессорон Хоҷаева М.Ҷ. (раис), Исломов О.А.(аъзо) ва Давлатзода Ҷ. (аъзо) дар асосии ташхиси гузаронидашудаи диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров” ба чунин хулоса расид:

Асри XXI асри технологияҳои иттилоотию рақамӣ, ва авзои хатарзои сиёсии ҷаҳон ба эътибор гирифтани ҷанбаҳои илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии таълиму тарбия, ягонагии фазои фарҳангӣ ва таҳсилот, алоқаи маълумот бо анъанаҳои миллию маънавии халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои миллию умумибашарӣ, тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, сулҳдӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳаёту саломатии инсон, инкишофи озодонаи шахс талаботи замони муосир ва маорифи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар робита бо ин, яке аз шартҳои муҳимми рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтироми қонун, ҳуқуқи умумибашарӣ, ваҳдати миллӣ, дӯст доштани Ватан, ифтихори ватандорӣ инсонпарварӣ, сулҳдӯстӣ, адолати иҷтимоӣ, бародарӣ баробарӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи насли наврас дар иртибот ба шароити муосир, равнақу ривоҷи арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, демократӣ ва дунявӣ ифода меёбад.

Бо назардошти моҳияти талабот ва вазифаҳои зикршуда таҳсилот ҳамон вазифаҳоеро анҷом медиҳад, ки ҷомеа ва давлат дар назди он мегузоранд. Дар ин раванд давлат ҳамчун танзимгар вазифаҳои маълумотро ба нафъи ҷомеа ра-

вона сохта, бо ҳимояи ҳуқуқи конститутсионӣ барои ҳамаи табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати гирифтани маълумоти босифат шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз тарафи дигар, вақте, ки таҳсилот дар симои давлату ҷомеа ҳомии худро пайдо мекунад, мунтазам рушд намуда, вазифаҳояшро беҳтару хубтар анҷом медиҳад ва ҳамчун эҳёгари таърих робитаи наслҳоро бо омӯхтани таърих ва сабақ гирифтан аз он устувор намудаву амалӣ месозад.

Таҳсилоти умумӣ дар асри XXI талаботи махсусро нисбат ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худогоҳию худшиносии миллӣ ва ватандӯстию ватанпарастӣ пешниҳод менамояд, чунки тарбияи насли воқеан ватандӯст ва ояндасозу муҳофизи мероси таърихию фарҳангии миллӣ тақозои замони муосир мебошад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти рӯйдодҳои ҷаҳони имрӯза тарбияи насли ватандӯст  хеле муҳим гаштааст.

Унвонҷӯ бо назардошти ин хеле дуруст таъкид менамояд, ки азхуд кардаи осори таърихию фарҳангии гузаштагон, таваҷҷуҳ ба тарбияи ватан-дӯстӣ  ҳамчун воситаи тарбияи шахсияти аз ҳар ҷониб рушдёфта, шаҳрванди сидқан дӯстдори Ватан, ояндасозу меҳанпараст ба соҳаи маориф дахл дорад. Аз ин ҷост, ки асоснок кардани мазмун, сохтор ва таъмини  корҳои ташкилию методии тарбияи ватандӯстии хонандагон, вазифаи асосии муассисаи таҳси-лоти миёнаи умумӣ мебошад.

Вале омӯзиш ва таҳқиқи  истифодаи осори ниёгон дар самти ватандӯстиву ватандорӣ, аз ҷумла, омӯзиши асарҳои таърихии олимони тоҷик, махсусан, асари бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар шароити  муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз равиши ягонаи омӯзиши асарҳои таърихиву фарҳангӣ  пешниҳод нашуда, мазмуну вазифаҳои он дар шароити соҳибихтиёрии ҷомеаи тоҷик муайян нагардидаву масъалаи ташаккули шахсияти рушдёфта ҳамчун барандаи сифатҳои ватандӯстӣ дар низоми умумии тарбия ва илми педагогика кам омӯхта шудааст.

Омилҳои ташаккули шуури ватандӯстии хонандагон низ пурра баррасӣ нагардида, метод  восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон муайян нашудааст, ки ин ба омӯзиши якҷонибаи  масъала, ба таври зарурӣ

муайян нашудани ҳадафу вазифа, мазмуну шаклҳои таълим ва фаъолияти корҳои беруназсинфии тарбиявӣ оварда мерасонад.

Дар маҷмуъ, ҳамаи ин масъалаҳои зикршуда зарурати таҳқиқоти диссертатсионии Суриева Шакарморо бозгӯ карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯй шаҳодат медиҳад, ки ба тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 07.09.2023, №09).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқу баррасӣ шуда, метод, восита ва шаклҳои корҳои беруназдарсӣ дар самти тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши осори таърихию фарҳангии гузаштагони халқи тоҷик махсусан, асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” ба ин васила ташаккули худогоҳию худшиносӣ ва тақвияти эҳсоси ватандӯстии хонандагон мавриди омӯзишу таҳлил ва таҳқиқу озмоиш қарор дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон амалан дар раванди корҳои беруназдарсиии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони

муассиаҳои таълимӣ, дар таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯён ва донишҷӯён ба таври васеъ мавриди истифода қарор дод.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи ба бандҳои 3,4,5-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилот (тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон) ва ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад мутобиқат мекунад.

4.Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи фанҳои фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажуҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баррасӣ шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 дастур дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти унвонҷӯ дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевнаро ба таври зерин тавсия мекунад:

а) диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи “Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) **ба сифати муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Данғара;

в) **ба сифати муқарризони расмӣ:**

- **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

- **Разоқов Хуршед Соҳибназарович** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шавад.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва МДТ-и “ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров”, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор **Хоҷаева М.Ҷ.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор **Исломов О.А.**

доктори илмҳои педагогӣ,
профессор **Давлатзода Ҷамила**
**21.11.2023**

*“Имзои профессорон М.Ҷ. Хоҷаева, О.А. Исломов ва Ҷ. Давлатзодаро тасдиқ мекунам”*

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А.